ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-029-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ФАЛСАФА**

Парвандаи аттестатсионии №___

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 23 ноябри соли 2023, таҳти №10**
**Барои сазовор донистани Қосимов Қурбонали Абдусамадович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа.**

Диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи “Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ – фалсафӣ)”, дар таърихи 12-уми сентябри соли 2023, суратмаҷлиси №1 аз ҷониби Шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022 таҳти №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, соли таваллудаш 1986, соли 2009 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон бо ихтисоси «умури гумрук» ва соли 2021 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айниро ҳамчун маълумоти дуюм аз рӯйи ихтисоси «таърих-ҳуқуқ» хатм намудааст. Аз соли 2021 то ба ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Назариев Рамазон Зибуҷинович** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович** - д.и.ф., профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ.

**Маҷидов Диловар Ҳафизович**, номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, дотсент Шарипов А.К. омода карда шуда, аз ҷониби номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарипов Х.Б. ба имзо расидааст ва аз ҷониби ректори ҳамин Донишгоҳ, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи "Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ – фалсафӣ)" аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда дар асоси мутахассис рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа буданаш ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи тахқиқшавандаи диссертатсияи Қосимов Қ.А алоқамандии зич доранд.

Қосимов Қурбонали Абдусамадович оид ба мавзуи диссертатсия 7 маводи илмӣ таҳия намудааст. Ҳамаи мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**


1. Қосимов Қ.А. Сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ақлгароии муътазила [Матн] / Қ.А. Қосимов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳо Тоҷикистон. – Душанбе. - 2021. - №4. - С. 175-181. ISSN 0235-005X ;
2. Қосимов Қ.А. Масъалаи инсон, ақл ва иродаи ӯ дар таълимоти муътазила [Матн] / Қ.А. Қосимов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. - 2022. - №4. – С. 150-154. ISSN 0235-005X;

3. Қосимов Қ.А. Усулҳои бунёдии ақлгароии муътазила [Матн] / Қ.А. Қосимов // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. – Душанбе. - 2022. Т. 2. - № 1(21). - С. 132-142. ISSN 2709-6246;

4. Қосимов Қ.А. Таҳқиқи масъалаи ақл ва иродаи инсон дар таълимоти муътазила [Матн] / Р.З. Назариев., Қ.А. Қосимов // Ахбори Институти фалсафа., сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - № 3. - С. 38-43. ISSN 0235-005X;

5. Қосимов Қ.А. Сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ақлгароии муътазила [Матн] / Қ.А. Қосимов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. -2021. - №4. - С. 175-181. ISSN 0235-005X;

6. Қосимов Қ.А. Шароити таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши муътазила [Матн] / Қ.А. Қосимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе. - 2021. - №2 (2). – С. 47-53. ISSN2710-4672;

7. Қосимов Қ.А. Тамоюли метафизикӣ ва табиатшиноси муътазила ва маърифати ақлонии онҳо [Матн] / Қ.А. Қосимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ/ – Душанбе. - 2021. - №3-4 (3-4). – С. 49-55. ISSN2710-4672.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

**Саидҷафарова П.Ш.**– номзади илмҳои фалсафа, котиби илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва хуқуки ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, тақриз мусбат

**Абилзода Гуланзода Сардор** – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақриз мусбат.

**Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил** – номзади илмҳои фалсафа, муовини директори Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақриз мусбат

**Азимова Момоқиз** – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷиикистон ба номи Абуали ибни Сино, тақриз мусбат

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридгардида мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти ҷузъӣ дошта ва пешниҳодҳо манзур шудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шудааст**, ки нақши ақл ва маърифати ақлонии муътазила ҳангоми дарки масоили метафизикӣ ва табиатшиносӣ аз ҷониби пайравони он ба исбот расида, дар онҳо мақоми ақл бар эътиқод болотар гузошта шудааст. Ба ин васила барои рушди донишҳои ақлонии инсон асос гузошта мешавад;

– **пешниҳод шудааст**, ки барои ташаккул ёфтани таълимоти муътазилиён омилҳо ва сарчашмаҳои гуногун мусоидат намуданд. Қабл аз ҳама, саволҳое, ки мусулмонон дар ҳаёти рӯзмарраашон ба онҳо бархӯрд менамуданд ва дар Қуръон ба ҳамаи онҳо ҷавоб ёфта наметавонистанд, посухҳо тақозо мекарданд. Ин ба баҳс дар бораи худи китоби муқаддас, дар бораи офарида шудани он, масъала дар бораи он ки оё Қуръон қадим аст ва ё махлуқ, оварда расонданд. Аз муҳимтарин омилҳои дохилии ташаккул ёфтани таълимоти муътазила, хусусан, назарияи ҷабр ва ихтиёр таълимоти мактаби қадария ва таълимоти он буд. Қадария дар масоили динӣ, монанди имон ва куфр, қазо ва қадар, сифоти Худо, махлуқ будани Қуръон ва ғайра ба баҳс ворид мегардид. Ҳамчунин шабоҳати зиёде, ки байни бисёре аз эътиқодоти муътазила бо афкори зардуштӣ вуҷуд дорад, дар масъалаҳое монанди сифоти Худо, озодии ирода, иститоъат пеш аз афъол, лузум ва вуҷуби имони ақлӣ, ҳусну қубҳи зотӣ, хайри маҳз аз зоти Худо ва ғайра мушоҳида мешавад;

– дар дар фазои пасошӯравӣ масъалаи ақлгароии муътазила ба таври муназзам ва мушаххас бори нахуст **исбот карда шудааст;**

- **қайд карда мешавад,** ки аз назари муътазилиён, ҳатто исботи вуҷуди Худо ва нубувват танҳо аз тариқи тафаккури ақлӣ муяссар шуда метавонад ва тақлид дар ин боб ҷоиз нест. Ақлро ба манзалати як абзори мустақил барои касби маърифат ва дониш, аз як тараф ва имкони фаъолияти озоди инсон, аз ҷониби дигар, қабул мекарданд;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** муаллифи рисола бештар ба таҳқиқоти он олимоне, ки ба масъалаи омӯзиши давраҳои асримиёнагии муҳаққиқону мутафаккирони ислом ва худи муътазила, фалсафаи калом, муҳаққиқону олимони тоҷик, ки ба таҳқиқи ислом, ақидаҳои динию фалсафии муътазила ва ё осори фалсафӣ-динии мутафаккирони он рӯ овардаанд, такя намудааст. Дар баробари ин, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, инчунин махзанҳои электронии интернетӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта нишон дода шудааст, ки** хулосаҳои асосии кори диссертатсиониро истифодаи усулҳои

таҳқиқотии таърихӣ, фалсафӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-таҳлилӣ, герменевтикӣ, муназзамӣ-сохторӣ ва ғайра таъмин намудааст.

**Баён шудааст, ки** ки барои консепти ақлгароии муътазила панҷ усул (*ал-усул ул-хамса*)-и муътазила ҳамчун асоси назариявии таҳқиқи мубоҳисавии ақл ва имон мақоми калидӣ дорад.

**Ошкор гардидааст**, ки муътазилиҳо дар асоси таҳлили масъалаҳо дар бораи табиати ваҳдат, Худо, инсон ва чунин падидаҳои динӣ ба монанди ваҳйи илоҳӣ ва китоби муқаддас, мустақилияти ақлро дар робита бо ваҳй ва бартарияти эътиқоди ақлониро бар зидди эътиқоди анъанавӣ (нақлӣ) тасдиқ намудаанд.

**Омӯхта шудааст,** ки то ба имрӯз таъсири муътазила ба ҳамаи ҳаракатҳои мазҳабӣ ва сиёсии он замон, намояндагони мактабҳои ҳам фалсафӣ ва ҳам динӣ, бешак, бузург буд.

**Муайян карда шуд,** ки мутафаккирони озодандеши муътазилиён бо тафаккури интиқодӣ ва шаккокия фарқ мекунанд ва онҳо пояҳои нахустинро барои муқовимат ба догмаҳои исломӣ гузоштанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад. Диссертант дар тасниф ва таҳқиқи ҷобаҷогузории мавод дар бобҳо, коркарди маълумоти бадастомада ва таҳлили натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосабарориҳо бо сабки баёни фаҳмо ва мушаххас саҳм гузоштааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Қосимов Қурбонали Абдусамадович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест

Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори
илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

23 ноябри соли 2023